## МАВЗУЪИ АСОСӢ:

# ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СОҲИБКОРИИ ДУШАНБЕ-2016 ТАҲТИ УНВОНИ «РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ МИЛЛӢ - ИМКОНИЯТИ НАВИ САРМОЯГУЗОРӢ»




Дар доираи таҷлили дуюмин солгарди «Рӯзи соҳибкорон» 14 октябр дар пойтахти мамлакат Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2016 таҳти унвони «Рушди истеҳсолоти миллӣ - имконияти нави сармоягузорӣ» баргузор гардид.

Форуми ҳарсолаи байналмилалии соҳибкорӣ таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ташкил ва баргузор карда шуда, шакли муҳимтарини муколамаи байни давлат ва бахши хусусӣ, чорабинии калони соҳибкорию сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.




Дар Форум мақомоти расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва меҳмонони баландпояи ҳукуматҳои кишварҳои ҳамшарик, коршиносон, роҳбарон,

намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ширкатҳои



бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавии бахши соҳибкорию сармоягузорӣ иштирок намуданд.

Ҳадафи Форум аз муаррифӣ ва баррасии имкониятҳои нави сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти ислоҳоти охири дар бахши қонунгузорӣ гузаронидашуда, афзун намудани коркарди ашёи хоми ватанӣ, маҳсулоти воридотивазкунанда ва баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар, таҳкими равандҳои сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ, арзёбии назар ва мулоҳизаҳои сармоягузорон вобаста ба иқтидори сармоягузорӣ ва ҷолибияти кишвар барои сармоягузории истеҳсолот дар шароити буҳронӣ иборат буд.

Маросими ифтитоҳи расмии Форум бо баромади Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Қоҳир Расулзода шурӯъ гардида, бо пазироӣ аз иштирокчиёни



форум аз ҷумла қайд кард, ки кишвари мо бо тамоми давлатҳои минтақа ва ҷаҳон ҳамкориҳои худро дар асоси эҳтиром ва ҳусни ҳамҷиворӣ ба роҳ монда, дар ҳама самтҳо барои ба сатҳи сифатан баланд бардоштани чунин ҳамкориҳо, аз ҷумла иқтисодиёт ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид.

Тавре қайд шуд, истеҳсолоти миллӣ, ки мавзуи форум ба



рушд ва имкониятҳои нави сармоягузорӣ ба истеҳсолоти миллӣ бахшида шудааст, яке аз бахшҳои калидии иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, ба таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои ватанӣ, рушди содирот, тақвият ёфтани тавозуни пардохтва устувории қурби пули миллӣ, баланд шудани сатҳи зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ такони ҷиддӣ мебахшад.

Дар баромад оид ба **дастовардҳои иқтисодӣ** сухан ронда шуда, ҳамзамон зарурати ҳалли масъалаҳои минбаъда, аз қабили боз ҳам соддатар намудани расмиёти маъмурии танзими тиҷорати беруна барои содироти маҳсулоти ватанӣ, дастгирии ҳамаҷонибаи корхонаҳои ватанӣ, сармоягузорон дар самти фурӯши маҳсулот ва давраҳои бухронӣ, пардохтҳои бонуси обунавӣ, дастгирии молиявӣ, таъмини имтиёзҳои андозиву гумрукии ҳунармандон ва ғайра таъкид гардид.

Инчунин меҳмонони воломақом, намояндагони созмону сармоягузорони сатҳи баланд, аз ҷумла Шоҳзодаи Арабистони Саудӣ, олиҷаноб **Абдулазиз бин Файсал бин Абдулмаҷид бин Абдулазиз Оли Сауд**, директори минтақавии Бонки аврупоии таҷдид ва



рушд оид ба кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷаноби **Маккейн Нейл**, роҳбари минтақавии Корпоратсияи байналмилалии молиявии




Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ оид ба телекоммуникатсия, ҷаноби **Раҷендра Синх**, Президенти ширкати “Глинкор Интернешнел” ҷаноби **Айван Глазенберг**, Президенти ширкати саноати кӯҳии Тоҷикистону Хитой ҷаноби **Ҷианг Ронг Ҳуанг**, ноиби калони Президенти ширкати ҳавопаймоии “Қатарэявейс” ҷаноби **Алӣ Ал Раис**, ноиби Президенти ширкати “Аэробус” ҷаноби **Ален Кейт** бо сухани ифтитоҳӣ баромад карданд.

Кори Форум дар шаш **бахши пленарӣ** гузаронида шуд.

Дар панели 1-ум **«Сиёсати иқтисодии ба сармоягузории асосёфта. Имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** оид ба Стратегияи миллии рушд то соли 2030, саҳми бахши хусусӣ барои ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегӣ, имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) барои рушди истеҳсолот, дурнамои рушди МОИ ва дигар мавзуъҳои марбут ба бахши мазкур баррасӣ гардид.



Панели дуюм **“Воридотивазкунӣ - имконияти нави соҳибкориву сармоягузорӣ дар Тоҷикистон”** масъалаҳои сиёсат

ва имкониятҳои воридотивазкунӣ, заминаи қонунгузории соҳа, густариши истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири воридотивазкунанда, пайдо намудани бозорҳои нав барои содироти маҳсулоти ватанӣ, имтиёзҳои мавҷуда барои истеҳсоли махсулоти ватанӣ, сармоягузорӣ барои тақвияти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва дигар мавзуъҳоро фаро гирфт.



Панели 3-юм **«Ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ - заминаи рушди истеҳсолоти миллӣ»** ба масъалаҳои татбиқи афзалиятҳои стратегии Тоҷикистон, ислоҳоти бозорӣ дар бахши энергетика, дурнамои сиёсати тарифию танзимӣ, рушди хизматрасониҳои энергетикӣ, роҳҳои баланд бардоштани таъминоти бахши хусусӣ бо неруи энергетикӣ, тиҷоратикунонии бахши таъмини гармӣ ва инноватсияи соҳаи энергетика бахшида шуд.




Иштирокчиён дар панели чорум **“Тақвияти имкониятҳои инфрасохторӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон”** масъалаҳои сармоягузорӣ дар инфрасохтори соҳаи нақлиёту логистика, сиёсати рушди шабакаҳои логистикии тиҷорати минтақавӣ ва нақлиётӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои

бисёрҷанбаи логистикӣ, баланд бардоштани иқтидори транзитии Тоҷикистон, муосирнамоӣ ва рушди инфрасохтори наздисарҳадӣ ҳамчун омили калидии рушди тиҷорат, имкониятҳои истифодаи васеи нақлиёти заминӣ дар рушди тиҷорат, дастрасӣ ба бандарҳои обӣ ва ғайраро баррасӣ намуданд.

Дар панели 5-ум “**Бартариятҳои Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ”** масъалаҳои ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ, имкониятҳои васеи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, паст кардани арзиши аслӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, коркард ва содироти маҳсулоти соҳа, густариши тиҷорати аграрӣ баррасӣ гардид.



Панели 6-ум дар мавзуи **“Тоҷикистон - кишвари сайёҳӣ, имкониятҳои рушд”** масъалаҳои такмили заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва ислоҳоти соҳаи сайёҳӣ, рушди инфрасохтори соҳа, ҳамчун омили муҳими истифодаи босамари захира ва имкониятҳои сайёҳиро фаро гирифта, мавзеъҳои ҷолиби сайёҳӣ дар мисоли Канаски Ромит ва Сағирдашти Дарвоз муаррифӣ гардид.



Дар бахшҳои корӣ пас аз баромадҳо миёни иштирокчиёни форум

саволу ҷавоб ва мубодилаи афкор сурат гирифт.

Дар Форум таваҷҷуҳи асосӣ ва вақти бештар ба мулоқот ва




суҳбатҳои мустақими байни сармоягузорону соҳибкорон дода шуда, мулоқотҳои дуҷонибаи соҳибкорону сармоягузорон дар формати B2B (Business-to-Business (B2B) ва вазорату идораҳо бо соҳибкорону сармоягузорон (Business-to-Government (B2G) ташкил дода шуд.

Дар доираи Форум як қатор ёддоштҳои тафоҳум ва созишномаҳо ба имзо расонида шуда, Изҳороти Форум қабул карда шуд.

## ИЗҲОРОТИ
## ФОРУМИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СОҲИБКОРИИ ДУШАНБЕ-2016 ТАҲТИ УНВОНИ «РУШДИ ИСТЕҲСОЛОТИ МИЛЛӢ - ИМКОНИЯТИ НАВИ САРМОЯГУЗОРӢ»

Дар доираи таҷлили дуюмин солгарди “Рӯзи соҳибкор” 14-уми октябри соли 2016 Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2016 таҳти унвони «Рушди истеҳсолоти миллӣ - имконияти нави сармоягузорӣ» баргузор гардид.

Дар кори Форум зиёда аз 500 нафар намояндагони соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ, ҳукуматҳои як қатор кишварҳои дуру наздик, созмонҳои байналмилалии молиявӣ иштирок намуданд, ки ин нишони боварӣ нисбати суботи

сиёсиву иқтисодии Тоҷикистон ва ҳавасмандӣ ҷиҳати саҳмгузорӣ дар рушди иқтисодиёти он мебошад.

Иштирокчиёни Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2016 қайд менамоянд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалисозии як қатор ислоҳот оид ба беҳсозии фазои мусоид бахри рушди соҳибкорию сармоягузорӣ, ҳимоя ва дастгирии соҳибкорону сармоягузоронро таъмин намуда, бо ин мақсад имконияту шароити зарурии техникӣ ва молиявиро фароҳам овардааст.

Ҳадафи асосии баргузор намудани Форум, муаррифии имкониятҳои сармоягузории Тоҷикистон, мусоидат ба ҷалби боз ҳам бештари сармоягузориҳо ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ба роҳ мондани ҳамкорӣ ва шарикӣ байни соҳибкорон ва сармоягузорони ватанию хориҷӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт ба монанди энергетика, саноат, кишоварзӣ, инфрасохтори нақлиётӣ, истифодаи васеи имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ҷолибияти сайёҳии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Қайд мегардад, ки сармоягузорон ва соҳибкорони ватанию хориҷӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар бахшҳои зикргардида, инчунин ҳамкориҳои сармоягузорӣ бо ҷалби иқтидори ширкатҳо ва мамлакатҳои худ метавонанд ҳамкориҳои мутақобилан судмандро ба роҳ монанд.

Бо назардошти масъалаҳои дар Форуми байналмилалии соҳибкории Душанбе-2016 баррасишуда, фикру мулоҳизаҳои иброзгардида ва хулосаҳои ҷамъбастӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодию сармоягузорӣ дар самтҳо ва соҳаҳои афзалиятнок тавсияҳои мушаххаси зерин пешниҳод карда шуданд:

1. Ислоҳот вобаста ба боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва дастгирии соҳибкорону сармоягузорон дар шароити бухронӣ тақвият дода мешавад.

**2.** Истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда ва истеҳсолоти ватанӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ ва содироти он тавассути татбиқи лоиҳаҳои муштараки соҳибкорону сармоягузорони ватанию хориҷӣ густариш дода мешавад.

**3.** Истифодаи имкониятҳо ва афзалиятҳои рушди соҳаҳои энергетика, саноат, кишоварзӣ, нақлиёт ва сайёҳӣ тавассути истифодаи имтиёзҳои андозию гумрукӣ ва имкониятҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ, аз самтҳои муҳими ҳамкориҳо арзёбӣ мегарданд.

**4.** Баланд бардоштани таъминоти бахши хусусӣ бо неруи барқ, истифодаи сарчашмаҳои аз ҷиҳати экологӣ тозаи энергия барои рушди устувор тақвият бахшида мешавад.

**5.** Истифодаи васеи механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар инфрасохтори энергетикӣ ва иҷтимоӣ таъкид карда мешавад.

**6.** Истифодаи бартариятҳои соҳаи кишоварзӣ бо мақсади таъмини амнияти озуқаворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза тақвият дода мешавад.

**7.** Ҷиҳати рушди инфрасохтори нақлиётӣ ва ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон лоиҳаҳои муштарак амалӣ карда мешаванд.

**8.** Таҳким бахшидани корҳо дар самти соддагардонии расмиёт барои сармоягузорон бо мақсади мусоидат ба ҷалби васеи сармоягузориҳо дар назар дошта мешавад.

**9.** Ҷиҳати солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, тақвият додани эътимод ба низоми бонкии мамлакат ва баланд бардоштани сифати хизматрасонии бонкӣ корҳо идома меёбад.

**10.** Таҳлили муфассали имкониятҳои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таҳияи барномаҳои компютерӣ, хусусан бунёд ва ташккули ширкатҳои ватанӣ дар ин соҳа, муайян намудани монеаҳои мавҷуда ва роҳҳои бартараф намудани онҳо ва дигар ҷанбаҳои соҳа гузаронида мешавад.

**11.** Вобаста ба рушди соҳаи нақлиёт ва логистика, аз ҷумла нақлиёти ҳавоӣ, зиёд намудани хатсайрҳои дохиливу байналмилалӣ, мустаҳкам намудани мавқеи ширкатҳои ҳавопаймоии ватанӣ ва ҷалби ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ тадбирҳои иловагӣ андешида мешаванд.

**12.** Ҷиҳати рушди соҳибкорӣ миёни занон, боз ҳам беҳтар намудани шароит дар ин самт, дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ барои занони соҳибкор, рушди ҳунармандӣ (ремесленничества), аз ҷумла таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими фаъолияти ҳунармандӣ чораҳои зарурӣ амалӣ карда мешаванд.

**13.** Форуми байналмилалии соҳибкорию сармоягузорӣ, яке аз шаклҳои муосири муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, натиҷаҳои кори форумҳои қаблан баргузоргардида самаранок арзёбӣ мегардад. Вобаста ба ин ҳамасола дар ҷумҳурӣ баргузор намудани Форуми байналмилалии соҳибкорию сармоягузорӣ ва дар ин робита таъсис додани Котиботи доимоамалкунандаи Форум дар доираи фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идори амволи давлатӣ ва Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти ҶТ оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ мувофиқи мақсад мебошад.

*Бо эҳтиром,*

***Кормандони Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ***